## ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA - 033-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» оид ба диссертатсияи Холов Назармуҳаммад Ёрмаҳмадович дар мавзӯи «Абулфазли Миколӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти арабизабони Нишопури нимаи дуюми асри X–нимаи аввали асри XI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология, аз рӯи ихтисоси 10.02.14 - Филологияи классикӣ, филологияи арабӣ ва юнонӣ**

Комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA - 033-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар ҳайати раис Ғаффорова Умеда Абдуллоевна – доктори илмҳои филологӣ; аъзоён Муродӣ Низомиддин – доктори илмҳои филологӣ, дотсент; Насриддинов Фахриддин Абдуманнонович– доктори илмҳои филологӣ, дотсент оид ба қабул намудани диссертатсияи Холов Назармуҳаммад Ёрмаҳмадович дар мавзӯи «Абулфазли Миколӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти арабизабони Нишопури нимаи дуюми асри X–нимаи аввали асри XI» барои дарёфти дараҷаи илмии (номзади илмҳои филология), аз рӯи ихтисоси 10.02.14 - Филологияи классикӣ, филологияи арабӣ ва юнонӣ барои ҳимоя ва муайян кардани рӯзи ҳимоя.

Диссертатсия дар ҷаласаи муштараки Шуъбаи тадқиқоти филологии Маркази илмии Хуҷанд АМИТ ва кафедраи филологияи араби МДТ-и «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров» ба анҷом расида, дар ҳамин кафедра муҳокима карда шудааст (қарори №7 аз 9.02.2019).

Диссертатсияи Холов Назармуҳаммад Ёрмаҳмадович ба таҳқиқи накш ва ҷойгоҳи Абулфазли Миколӣ ва хонадони Миколиён дар рушди доираи адабии Нишопур дар асрҳои X-XI ва пажӯҳиши мероси адабии Абулфазли Миколӣ бахшида шудааст.

Дар диссертатсия бори аввал рӯзгор ва осори Абулфазли Миколӣ дар адабиётшиносии тоҷик мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифта, дар заминаи анҷоми таҳқиқот вусъати ҳаёти адабии Нишопур дар замони Абулфазли Миколӣ, нақш ва мақоми хонадони пуровозаи Оли Микол дар арсаи сиёсат ва фарҳанги Хуросони қарнҳои IX- XI, муаррифии Абулфазли Миколӣ ҳамчун чеҳраи тозаи адабӣ ва яке аз намояндагони барҷастаи адабиёти арабизабони форсу тоҷики ҳавзаи адабии Хуросони асрҳои X-XI, таъйини теъдод ва муаррифии асарҳои Абулфазли Миколӣ ва арзишу аҳамияти онҳо дар рушди илму адаб ва фарҳанги арабизабони форсу тоҷик муқаррар карда шудааст. Ҳамзамон, бори нахуст ашъори бозмондаи Абулфазли Миколӣ ва ҷанбаҳои ҳунарӣ ва сабкии онҳо дар адабиётшиносии тоҷик ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Таҳқиқи осори Абулфазли Миколӣ ба довталаб имкон додааст, ки мазмуну мундариҷа ва сабки осори ӯ ва нақши ибтикороти адабпарваронааш дар рушди адабиёти арабизабон дар Хуросону Мовароуннаҳри он даврон ва ба таври умум вижагиҳои адабиёти арабизабони Хуросону Мовароуннахри аҳди Абулфазли Миколӣ чун мазҳари имтизоҷи суннатҳои адабии арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ ба таври дақиқ муайян карда шаванд.

Диссертатсияи Холов Назармуҳаммад Ёрмаҳмадович аз муқаддима, се боб, 8 фасл, хулоса ва китобнома таркиб ёфтааст.

Дар муқаддима мубрамӣ ва баргузории таҳқиқ, дараҷаи азхудшудаи мавзӯъ муайян гардида, ҳадаф, объект ва сарчашмаи он мушаххас шуда, номи мавзӯъ, масъалаҳои асосӣ, усулҳо, соҳа ва марҳалаҳои тадқиқ, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии он мушаххас гашта, эътимоднокии натиҷа, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назарию амалии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя

пешниҳодшавандаи диссертатсия ва саҳми шахсии диссертант ба таври асоснок дарҷ шудаанд.

**Боби якуми рисола «Муҳити сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиву адабии Хуросон дар замони Абулфазли Миколӣ»** унвон дошта, матлабҳои аслии тадқиқот дар се фасл шарҳу тафсир ёфтаанд. **Фасли аввали** ин боб **«Вазъи сиёсиву иҷтимоии Нишопур дар асрҳои X-XI»** унвон гирифта, дар он авзои сиёсиву иҷтимоии замони зиндагонии Миколиён ба риштаи таҳқиқ гирифта шудаст. Муаллифи диссертатсия дар заминаи маълумоти сарчашмаҳои таърихиву адабии асрҳои миёна ва таҳқиқоти мавҷуда таъкид кардааст, ки Нишопур дар асрҳои X-XI ҳамчун маркази ба ҳам омадани қавмҳои гуногун ва маҳалли бархӯрду омезиши фарҳангҳову анъанаҳои халқҳои гуногун шуҳрат дошт. Вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодии ин шаҳр, ки яке аз марказҳои муҳимми Хуросон маҳсуб мешуд, барои рушду нумӯи адабиёту фарҳанг мусоид омада, новобаста ба ҷангу кашмакашҳои пайдарпайи ҳокимону сулолаҳои музаффару мағлуб, таваҷҷуҳи аҳли адаб ба ин сарзамини шоирхезу адабпарвар зиёд будааст. Абулфазли Миколӣ ва Оли Микол дар ин шаҳр соҳиби нуфузу эътибори хос будаанд.

**Фасли дуюми** ин боб **«Доираи адабии Нишопур ва рушду нумӯи адабиёти арабизабон дар он»** унвон дорад. Маълум аст, ки Нишопур зодбум ва парвозгоҳи бисёре аз аҳли адаб ва донишмандони улуми диниву дунявӣ дар асрҳои X ва XI буд. Муаллифи диссертатсия дар заминаи маълумоти муътамади Саолибӣ дар «Ятимат-уд-даҳр»-и ӯ, вусъати доираи адабии Нишопурро таҳти сарпарастии Оли Микол, ки қариб 60 нафар шоирону адибонро аз Нишопур ва минтақаҳои дигари Арабу Аҷам муттаҳид мекард, муайян кардааст.

Адабиёти арабизабоне, ки дар Нишопур бо ҳиммат ва пуштибонии Оли Микол, ба вижа Абулфазли Миколӣ ба вуҷуд омад, адабиёти тамомиёре буд, ки дар он, аз як тараф анъанаву суннатҳои адабиёти арабизабони садаҳои пешин, аз тарафи дигар, мавзӯву матолиб ва суннатҳои адабии халқҳои Хуросону Мовароуннаҳр таҷассуми худро ёфта буданд.

**Фасли савуми** ин боб **«Саҳми Миколиён дар пешбурди шеъру адаб ва гиромидошти аҳли сухан»** унвон дорад. Муаллифи рисола бо таъкиди он, ки намояндагони хонадони Оли Микол дар тӯли асрҳои IX - XI дар соҳоти мухталифи сиёсату давлатдорӣ ва адабу фарҳанги аҳди Аббосиён, Тоҳириён, Сомониён, Ғазнавиён ва Салҷуқиён нақше мондагор аз худ гузоштаанд, ибтикороти адабпарваронаи намояндагони ин хонадон, ба вижа Абӯнаср Аҳмад ибни Алии Миколӣ, Ҳасан ибни Муҳаммади Миколии маъруф ба Амир Ҳасанак ва худи Абулфазли Миколиро таҳқиқ ва собит кардааст, ки хонадони мазкур бо адабдӯстиву фарҳанггустарии худ дар рушду нумӯи доираи адабии Нишопур, равнақи илму фарҳанги даврон ва гиромидошти аҳли сухан саҳми бузурге гузоштааст. Далели ин матлаб пуштибонии Оли Микол аз шоирону адибони маъруфи даврон Абӯмансури Саолибӣ, Абӯбакри Хоразмӣ ва Бадеъуззамони Ҳамадонист, ки осори манзуму мансури онҳо дар Аҷаму Араб шуҳраи офоқ буд.

**Боби дуюми рисола «Рӯзгор ва осори Абулфазли Миколӣ» унвон дошта,** аз ду фасл таркиб ёфтааст. **Фасли аввали** ин боб **«Зиндагиномаи Абулфазли Миколӣ»** ном дошта, шарҳи мухтасари рӯзгори адибро фаро мегирад.

Дар навбати аввал муқаррар шудааст, ки гузаштагони Миколиён авлоди ҳокими Суғд–Деваштич ҳастанд, ки шарҳи муфассали ин мавзӯъ дар рисола бар асоси сарчашмаҳои таърихӣ ва

таҳқиқоти анҷомёфта сурат гирифтааст. Муаллифи диссертатсия барои муқаррар намудани нуктаҳои асосии рӯзгори шоир бештар ба ашъори ӯ такя намуда, вазъи иҷтимоӣ, таҳсилот, фарзандон, мазҳаб, тамоюл ба ободониву созандагӣ доштани ӯро муайян кардааст.

**Фасли дуюми** ин боб **«Осори мансуру манзуми адабӣ ва бадеии Абулфазли Миколӣ»** унвон дорад. Таҳсили илму дониш дар мадрасаҳои маъруф ва назди донишмандони барҷастаи замон, омӯзишу мутолиаи пайвастаи кутуби диниву дунявӣ, ҳамкории адабӣ ва ҳамнишинӣ бо адибони замон, дар атрофи худ ҷамъ кардани аҳли завқу адаб ва ниҳоятан зарурати иҷтимоӣ ва сиёсӣ барои ҳифзи мақому пояи хонаводаи фарҳангпарвари Миколиён аз омилҳои таъсиррасоне ба ҳисоб меравանд, ки бар асоси онҳо Абулфазли Миколӣ аз овони ҷавонӣ рӯ ба таълифу тасонифи асарҳои илмиву адабӣ овардааст. Дар фасли мазкур муаллифи рисола 11 асари манзуму мансури адабӣ, таърихӣ ва илмии Абулфазли Миколиро, ки қисме аз онҳо то замони мо расидаанд ва аз қисме дигар асаре то кунун пайдо нашудааст, муаррифӣ намудааст, ки дар ҳоли ҳозир муфассалтарин ва дақиқтарин маълумот дар бораи осори Абулфазли Миколӣ маҳсуб мешавад.

**Боби савуми рисола «Вижагиҳои маъноӣ ва ҳунарии осори Абулфазли Миколӣ»** ном дошта, аз се фасл таркиб ёфтааст. **Дар фасли якум** анвоъи шеърӣ, мавзӯъ ва мундариҷаи ашъори Абулфазли Миколӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Тааммул дар ашъори боқимондаи Абулфазли Миколӣ собит мекунад, ки доираи мавзӯи сурудаҳои ӯ ниҳоят фарох буда, аз ишқу маъшуқ, васфи табиат, боғу чаман сар карда, то панду ҳикмат, марсияву зуҳдиёт, танқиди замонаву мазаммати ахлоқи разила, дӯстиву таърифи дӯстон, ашрофият, ифтихор аз нажоду асл ва дигар мавзӯотро фаро мегирад.

Аз рӯи мазмуну мундариҷа мавзӯъбандӣ кардани ашъори ӯ равзанаеро барои шинохту маърифати ҷаҳонбинӣ ва ҳунари суханварии ин шоиру адиби пуровоза боз кардааст. Девони Абулфазли Миколӣ, ки дар натиҷаи ҷамъу таҳқиқи Ҷалил ал-Атия ба нашр расидааст, шомили 194 қитъа ва 618 байт аст. Аз рӯи басомади мавзӯву матолиби шеърӣ дар девони мазкур 57 қитъаро ғазал, 39 қитъаро панду андарз ва 32 қитъаро ашъори васфӣ фароҳам овардаанд. Бо назардошти басомади мазкур анвоъ ва мавзӯоти ашъори шоир дар рисола баррасӣ шудааст.

**Фасли дувуми** ин боб «**Мавқеи санъатҳои бадеӣ дар ашъори Абулфазли Миколӣ»** ном дорад. Дар девони ашъори Абулфазли Миколӣ, ки аз шеършиносону адибони номвари замони худ буд, санъатҳои бадеӣ хеле устодона ба кор гирифта шудаанд. Муҳимтарин санъатҳои шеърие, ки дар девони ашъори шоир ба мушоҳида мерасанд, ташбеҳ ва анвои он, тасвирпардозӣ, тансиқ-ус-сифот ё сифатчинӣ, киноя, истиора, таҷоҳули ориф, тааҷҷуб, иқтибос, такрор, нидо, таҷнис ва амсоли ин маҳсуб мешаванд, ки дар рисола ҳар яке аз онҳо ба таври ҷудогона шарҳу тафсир ёфтааст. Бо такя ба намунаҳои санъатҳои дар боло овардашуда ба натиҷае метавон расид, ки Абулфазл Миколӣ барои зеб додани каломи мавзунаш аз саноеи бадеӣ ба таври фаровон истифода карда, зимни корбурди аксари онҳо аз худ ба ваҷҳи аҳсан ҳунари шоирӣ нишон дода тавонистааст

**Фасли севуми** боби савуми рисола **«Сабки эҷодии Абулфазли Миколӣ»** унвон дорад. Аз муҳимтарин вежагиҳои сабки назми Абулфазли Миколӣ эҷоз ва таъсири он ба ҳаҷми шеъри ӯ ба шумор меравад. Аз таҳлили ашъори шоир, ки дар рисола ҷараён гирифтаст, метавон ба натиҷа расид, ки зарурати эҷоз шоирро дар сабки баён устоду моҳир кардааст.

Дар умум, нуфузи рӯҳи форсӣ, таъсири заминаҳои воқеии муҳокотофаринӣ, ашрофияти мавзӯъ омилҳои муассир ба сабки баён дар шеъри Абулфазли Миколӣ ба шумор рафта, сабки шоирро як навъ сабки хос ба ҷилва меоранд.

Хулосаи диссертатсия мувофиқи ҳар як фасли бобҳои рисола дар алоқамандӣ бо натиҷаҳоии амалии он санаднок ҷамъбаст шудааст.

Дар баробари ин дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ва ғалатҳо ба назар расидаанд: унвонгузории мундариҷаи кор ягона карда шавад, ба бобу фаслҳое, ки хулоса надоранд, хулоса ҳамроҳ карда шавад. Феҳрасти адабиёт таҷдиди назар шуда, ба талаботи Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардад.

Эродҳои зикршуда моҳияти илмии диссертатсияро кам намекунад ва ислоҳшавандаанд.

Мубрамии таҳқиқ, навоварии илмӣ, аҳамияти назариявию амалии диссертатсияро ба инобат гирифта, комиссия ба хулосае омад, ки диссертатсияи Холов Назармуҳаммад Ёрмаҳмадович "Абулфазли Миколӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти арабизабони Нишопури нимаи дуюми асри X – нимаи аввали асри XI" тадқиқоти бaанҷомрасидаи пурра буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои ба нашр расондаи унвонҷӯ фарогири мазмуну мухтавои диссертатсия мебошанд.

Диссертатсияи Холов Назармуҳаммад Ёрмаҳмадович "Абулфазли Миколӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти арабизабони Нишопури нимаи дуюми асри X – нимаи аввали асри XI" аз руйи

ихтисоси **10.02.14 - Филологияи классикӣ, филологияи арабӣ ва юнонӣ** мувофиқ буда, онро ба дифоъ пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ адабиётшиносони зеринро ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

1. **Муқарризи расмии аввал – Сафаров Умархоҷа Раҳимович** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

2. **Муқарризи расмии дуюм – Камолов Фаррух Абдуқодирович**, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд;

3. **Муассисаи тақриздиҳанда** – Муассисаи таълимии давлатии "Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода"

**Раиси комиссияи экспертии Шӯрои дифоъ:**
**доктори илмҳои филологӣ,**
**профессор:** **Ғаффорова У. А.**
**Аъзои комиссияи экспертии Шӯрои дифоъ:**
**доктори илмҳои филологӣ,**
**дотсент:** **Муродӣ Н.**
**доктори илмҳои филологӣ,**
**дотсент:** **Насриддинов Ф. А.**
**Имзоҳои ҳайати комиссияи экспертро тасдиқ мекунам:**
**Котиби илмии**
**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 033,**
**номзади илмҳои филологӣ, дотсент:** **Шарипова М.З.**
**14.05.2021**